# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи “Талаботи ҳадди ақал ба таъминоти барномавию техникии ташкилотҳои қарзии молиявӣ”

Лоиҳаи Талаботи ҳадди ақал ба таъминоти барномавию техникии ташкилотҳои қарзии молиявӣ (минбаъд - Талабот) мутобиқи қисми 5 моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” бо мақсади таъмини сатҳи зарурии амнияти иттилоот дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноил шудан ба сатҳи зарурии ҳимоя аз хавфҳои воқеии киберҳуҷумҳо ва кам кардани хисороте, ки дар натиҷаи вайроншавии низомҳои иттилоотӣ ё амнияти иттилоот ба вуҷуд меояд, таҳия гардида, талаботи ҳадди ақалро нисбат ба таъминоти барномавию техникии ташкилотҳои қарзии молиявӣ муқаррар менамояд.

Қобили қайд аст, ки айни замон дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ фаъолияти соҳаи технологияҳои иттилоотӣ аз руи стандартҳои гуногуни хориҷӣ амал менамоянд ва дорои стандарти ягона нестанд. Талаботи мазкур дар асоси стандартҳои ҷаҳонӣ ва мутобиқ ба қонунгузории соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шуда, имконият медиҳад, ки соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар доираи стандартҳои ягона ва мутобиқ ба соҳаи бонкдорӣ дар дохили ҷумҳурӣ амал намоянд.

Талаботи мазкур инчунин имконият медиҳад, ки паҳлуҳои гуногуни соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба танзим дароварда шуда ҳифзи иттилоот дар онҳо ба стандарҳои муосири ҷаҳонӣ мутобиқ гардонида шавад.

Қабули “Талаботи ҳадди ақал ба таъминоти барномавию техникии ташкилотҳои қарзии молиявӣ” имкониятҳои зеринро

фароҳам меоварад:

- риояи ҳатмии қонунҳои дохилии соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мувофиқ гардонидани фишангҳои ҳифзи иттилоот ба стандартҳои ягонаи ҷаҳонӣ;
- истифодаи барномаҳои дорои иҷозатномаи истеҳсолкунанда ва риояи ҳуқуқи муаллиф;
- ба танзим даровардани раванди нусхабардории эҳтиётӣ ва бо ин роҳ баланд бардоштани эътимодият дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ;
- ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ намудани ҳуҷраҳои ҷойгиршавии таҷҳизоти серверӣ;
- риояи ҳатмии талаботҳои минималии амнияти иттилоот дар ҷойҳои корӣ.

Қайд кардан зарур аст, ки қабули талаботи мазкур аз буҷаи давлат хароҷоти иловагиро талаб нанамуда, ҳамзамон боиси пешрафти соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва соҳаи бонкӣ дар умум, баҳогузорӣ ва риояи қонунгузории соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, таъминоти субот, аминияти иттилоот, баланд бардоштани боварӣ ба соҳаи бонкӣ дар ҷумҳурӣ гардида, хавфҳои кори номунтазами ташкилотҳои қарзии молиявиро, ки ба соҳаи технологияҳои иттилоотӣ мансубанд, кам намояд.

Муовини Раис Накҳатзода М. К.